**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Давлатов Бахтиёр Саидакбарович дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ тибқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ).**

Мавзуи диссертатсияи Давлатов Б.С. ба яке аз масъалаҳои мубрами аҳамияти назариявӣ ва амалидоштаи қисми махсуси ҳуқуқи чиноятӣ бахшида шуда, он ба такмили минбаъдаи конунгузории чиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудааст. Воқеияти ҳаёти ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки сатҳи ошкоршавии ҷиноятҳо ва баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ аз ҷониби судҳои кишвар давоми солҳои 2015-2022 оид ба саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ дар ҶТ якранг набуда, он тамоюли рӯ ба инкишоф ва ҳам камшавиро доро мебошанд. Масалан, дар соли 2015 – 84; 2016 – 49; 2017 – 29; 2018 – 24; 2019 – 23; 2020 – 10; 2021 – 16; соли 2022 (шаш моҳи аввал) – 5 ҷинояти саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба қайд гирифта шудаанд.

Муносибатҳо дар соҳаи андозбандӣ бо КА ҶТ, КҲМ ҶТ ва КҶ ҶТ ҳифз карда мешаванд, ки ин дар навбати худ зарурати аз ҳам ҷудо намудани соҳаи ҷавобгарӣ ва бо ҳам мувофиқ гардонидани онҳоро талаб менамояд. Аз соли 1991 инҷониб дар ҶТ дигаргуниҳои муҳимми сиёсӣ ва иқтисодӣ ба амал омадаанд, ки онҳо хароҷоти зиёди молиявиро талаб мекунанд. Ислоҳоти ҷорӣ, аз ҷумла, ба низоми андозбандӣ, ки воридшавии пардохтҳои андозро ба буҷети давлат таъмин менамояд, таъсир мерасонад. Вобаста ба ин, ҳифзи муносибатҳои ҷамъиятӣ дар

соҳаи андозбандӣ дар таъмини фаъолияти муътадили низоми таъмини ҳаёти кишвар, амнияти иқтисодӣ ва соҳибихтиёрии давлат нақши муҳим мебозад. Дар бисёр давлатҳо мубориза бо ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ (пеш аз ҳама, ҷиноятҳои бо андоз алоқаманд) мушкилоти рӯзмарра буда, он яке аз вазифаҳои муҳимми давлат мебошад. Барои иқтисодиёти имрӯзаи Тоҷикистон мушкилоти саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Ин гуфта бо он шарҳ дода мешавад, ки қисми асосии даромадҳои андоз ба буҷет, пеш аз ҳама, ба андозсупорандагон – шахсони ҳуқуқӣ рост меояд.

Бояд қайд кард, ки мавзуи диссертатсионии мазкур дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мубрам ва зарурӣ буда, таваҷҷуҳи бештари мутахассисони соҳаи ҳуқуқи ҷиноятиро талаб мекунад. Ҳамчунин, зикр намудан бамаврид аст, баъди содибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон рисолаи мазкур аввалин таҳқиқоти илмӣ бо забони давлатӣ дар соҳаи илми ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ ба ҳисоб меравад.

Хулоса ва тавсияҳои дар таҳқиқот пешбинишуда боэътимод ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок буда, бо усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмии дар таҳқиқот истифодашаванда таъмин карда шудаанд. Бисёре аз муқаррарот, хулоса ва тавсияҳоеро, ки дар таҳқиқот баён шудаанд, метавон навгонии илмӣ ҳисобид. Аз таҳлили амиқ ва баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои дар автореферат зикргардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи мантиқи илмқ таҳия гардидааст. Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботҳои ҷойдоштаро дар худ инъикос намуда, натиҷаҳои пурра ва босамари таҳқиқотро ифода намудааст.

Аз рӯйи автореферати ин рисола чунин натиҷаҳои кори илмии мазкурро метавон муайян кард:

1) Ба низоми ҷамъоварии андозҳо ва пардохтҳои муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ, ки пардохт нагардидани он ба манфиатҳои иқтисодии давлат зарари калон мерасонад, суиқасд мекунад. Аз се ду ҳиссаи буҷети

давлатии ҶТ аз ҳисоби андозҳо ва пардохтҳои ҳатмӣ мебошад. Ҳангоми ворид нашудани маблағҳо ба буҷет давлат функсияҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва ҳатто қисман сиёсии худро иҷро карда наметавонад. Дар байни тамоми ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ зарари саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо калон мебошад;

2) Ҷиноятҳо дар соҳаи андоз дараҷаи баланди латентӣ доранд;

3) Ҳангоми бандубасти ҷиноятҳои соҳаи андоз бояд дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба монанди КА ҶТ аз 14 сентябри соли 2012, № 417, Қонуни ҶТ “Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» **аз 28 июли соли 2006 № 197 ва инчунин Қонуни ҶТ** «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» 25 марти соли 2011 № 702 ва ғайраҳо ба назар гирифта шаванд. Масалан, КА ҶТ мафҳумҳои асосиеро (ба монанди “андоз» «андозсупоранда», «манбаи андоз», «даромад ва хароҷот» «супоридани андозҳо» «шахсони ҳуқуқии андозсупоранда» «эъломияи андоз» «ҳисоб ва пардохти андоз» ва ғайраҳо) муқаррар кардааст, ки унсурҳои таркибии диспозитсияи м. 292-293 КҶ ҶТ-ро ташкил медиҳанд.

4) Андозаи зарари аз ҷиноятҳои саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо нисбат ба дигар ҷиноятҳо, хусусан ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ дар ҳаҷми калон мушоҳида мешавад.

Аз мазмуну муҳтавои автореферата мазкур бармеояд, ки муаллиф то ҳадди зарурӣ масъалаҳои дар наздаш гузошташударо ҳал намудааст, вале новобаста ба ин, баъзе масъалаҳое дар ин самт ҳамоно боқӣ мондаанд, ки таҳлилу баррасии алоҳидаро талаб менамоянд ва онҳоро ба таври зайл метавон номбар кард:

Муаллиф дар боби 2, зербоби 1 масъалаи муайян кардани объект ва предмети саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳоро ба миён гузошта бошад ҳам, то охир онро баррасӣ накарда, хусусияти асосии фарқкунандаи онро зикр накардааст. Ба назари мо, чунин ҳолат барои зербоби мазкур муҳим мебошад ва таҳлилро талаб менамояд, зеро барои бандубасти ҷиноят ва таъини ҷазо аҳамияти аввалиндараҷа дорад. (саҳ.20-21).

Гуфтаҳои мазкур ба мазмуну моҳияти диссертатсияи муаллиф костагӣ ва духӯрагиро ба миён наоварда, баръакс василаи пурра ва мустаҳкам намудани он мебошанд.

Дар маҷмуъ, бояд қайд намуд, ки автореферати диссертатсияи номзадии Давлатов Б.С. мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, дар он масъаладои бамиёнгузошта аз лиҳози илмӣ пайдарпай ва асоснок матраҳ гардидааст, он аз рӯйи диди тоза ва мантиқӣ таҳлил шуда, сазовори баҳои мусбат мебошад. Таҳлили автореферати мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Давлатов Б.С. дар шароити имрӯза муҳим ва зарурӣ арзёбӣ гадида, ба талаботи муқарраркардаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯй буда, он аз тарафи муаллиф мустақилона таълиф гардидааст ва дорои нуктаҳои нави илмӣ мебошад.

Таҳқиқоти мазкур саҳми шахсии муаллифро дар соҳаи илм нишон медиҳад ва муаллифи рисола Давлатов Б.С. сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

**Муовини сардори Академияи ВКД**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Раҳмадҷонзода Р.Р.**

Имзои Раҳмадҷонзода Р.Р.- ро тасдиқ мекунам:
Сардори ШК Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон
подполковники милитсия Музаффарзода Б.З

**www.avkd.tj;**
**Почтаи электронӣ:** **avkdtj@mail.ru;**
**Факс:** (+992 37) 226-60-43
**Суроға:** 734024, ш. Душанбе, кӯч. Мастонгулов - 3

«16» январи 2023 сол.